«Маъқул донисташуд»
Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти
мақомоти санҷишӣ

_______________________________

аз «27» декабри соли 2020
Протоколи №8

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____________ О. Муҳаммадҷонзода
аз «__» _____________ соли 2020

Номгӯи
масъалаҳои назоратие, ки Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи онҳо доир ба вазъи иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар фаъолияти ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ санҷиш гузаронида мешавад

| № | Номгӯйимасъалаҳоиназоратӣ | Ҷавобҳо | | Шарҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳа | Не | |
| 1. ФАЪОЛИЯТИ ИДОРАКУНӢ | | | | |
| Назорати риояи муқаррароти ҚонуниҶумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | | | | |
| 1.1 | Забони давлатиро кормандони вазорату идораҳо ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, медонанд? (банди 2, моддаи 3) | | | |
| 1.2 | Омӯзиши забони давлатӣ тибқи банди 4, моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шудааст? (банди 4, моддаи 3) | | | |
| 1.3 | Маҷлису машваратҳо ба забони давлатӣ баргузор мегардад? (моддаи 5) | | | |
| 1.4 | Муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар коргузорӣ риоя мешавад? (банди 6, моддаи 3) | | | |
| 1.5 | Забони коргузории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба забони давлатӣ ба роҳ монда шудааст? (моддаи 5) | | | |
| 1.6 | Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои зерқонунӣ амру қарор ва фармоишҳои роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти шаҳрак ва деҳот, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба забони давлатӣ таҳия шудаанд? (моддаи 6) | | | |
| 1.7 | Чорабиниҳои фарҳангӣ ба забони давлатӣ баргузор мегардад? (моддаи 11) | | | |
| 1.8 | Забони воситаҳои ахбори омма, нашри рӯзномаю маҷаллаҳо, интишори рекламаҳо, забони матни тарҷума ва сабтшудаи филмҳо, матни сурудҳои ҳунармандон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Тоҷикистон ба забони давлатӣ ба роҳ монда шудааст? (моддаи 12) | | | |
| 1.9 | Эълону реклама ва маводи иттилоотӣ ба забони давлатӣ интишор шудаанд? (моддаи 13) | | | |
| 1.10 | Мукотиба дар коргузории вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, макомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба забони давлатӣ ба роҳ монда шудааст? (моддаи 17) | | | |
| 1.11 | Номгузории вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба забони давлатӣ ба роҳ монда шудааст? (моддаи 18) | | | |
| 1.12 | Санҷиши саводи имлоии кормандон, донишҷӯён ва устодон тариқи навиштани диктанти санҷишӣ | | | |
| 1.13 | Номгузорӣ ва иваз намудани номи вилоятҳо, шаҳрҳо ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо, инчунин, кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, боғҳои фарҳангӣ ва маҳалҳои дигари аҳолинишин ба забони давлатӣ мутобиқат мекунад? (моддаи 19) | | | |
| 1.14 | Забони матни муҳру тамғаҳои ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқат мекунад? (моддаи 20) | | | |
| 1.15 | Бланкҳо, нархномаҳо ва маводи иттилоотии дигар ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқат мекунад? (банди 3, моддаи 20) | | | |
| 2 . ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | | | | |
| 2.1 | Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолият мекунад? (Низомномаи Кумита) | | | |
| 2.2 | Талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми июли соли 2016, №325 «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» ва талаботи моддаҳои 20, 67 ва 72-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» дар ҷамоатҳо ва бахшу шуъбаҳои САҲШ риоя шудааст? (ҚҲҶТ аз 27.07.2016, №325) | | | |
| 2.3 | Иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи банди | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 10-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми октябри соли 2012 ба роҳ монда шудааст? (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2012) | | | |
| 2.4 | Таҳияи тасдиқи Дастурамалӣ намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июли соли 2017, №358 иҷро шудааст ё не? | | | |
| **3. СИЁСАТИ ПЕШБУРДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИЮ ПАЖӮҲИШӢ** | | | | |
| 3.1 | Назорати танзими истилоҳот дар тамоми соҳаҳо банди 5-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз 20-уми октябри соли 2010) | | | |
| 3.2 | Вазъи таълиф ва таълими китобҳои фанни забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ (бандҳои 12 ва 13-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз 20-уми октябри соли 2010) | | | |
| 3.3 | Барномаҳо ва дастурҳои таълимии забони давлатӣ ва рафти иҷрои онҳо (бандҳои 12 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз 20-уми октябри соли 2010) | | | |
| 3.4 | Таҳияи фарҳангномаҳои соҳавӣ (банди 20-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз 20-уми октябри соли 2010) | | | |

Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон